**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Махсумзода Нигина Давлат дар мавзуи «Саҳми Абубакри Розӣ дар инкишофи илмҳои табииётшиносӣ ва риёзӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.7. – Таърихи илм (таърих) пешниҳод шудааст.**

Автореферати диссертатсияи Махсумзода Нигина Давлат дар мавзуи «Саҳми Абубакри Розӣ дар инкишофи илмҳои табииётшиносӣ ва риёзӣ» ба яке аз масъалаҳои марбут ба саҳми донишманди маъруфи асримиёнагии тоҷику форс Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ дар инкишофи риштаи илмҳои физика, химия, астрономия, тиб, риёзиёт ва донишҳои гуманитарӣ бахшида шудааст. Муҳити ҳаёту фаъолияти Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ яке аз давраҳои бисёр мусоид (замони гулгулшукуфии давлати Сомониён) барои ташаккул ва рушду нумуи илму фарҳанг ва умуман пешрафти ҳаёти моддиву маънавии ҷомеа дар таърихи тамаддуни тоҷикон ба ҳисоб меравад.

Сохтори диссертатсияи номзадии Махсумзода Нигина Давлат тибқи қоидаҳои қабулшуда дуруст тартиб дода шудааст ва он аз муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса, феҳристи адабиёти истифодашуда иборат буда, ҷавобгӯйи корҳои илмӣ мебошад.

Дараҷаи таҳқиқоти омӯзиши мавзуъ ба талабот мувофиқ буда, муаллиф дар таълифи диссертатсия аз осори олимони Тоҷикистон, Эрон, Узбекистон, Русия ва дигар кишварҳои ҷаҳон истифода намуда, ба хулосаҳои зарурӣ омадааст.

Мақсади таҳқиқотро омӯзишу таҳлили афкори табииётшиносиву риёзии Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ, инчунин татбиқу инкишофи ақидаҳои илмии ӯ дар ҷараёни таълим дар МТОК, МТММ ва МТМУ ташкил медиҳад, ки дар натиҷаи пажӯҳишоти диссертатсионӣ хонандагону донишҷӯёни кишвар натиҷабардорӣ кардан аҳамияти таърихӣ-илмӣ дорад.

Бояд қайд кард, ки дар таҳқиқоти мазкур муаллиф бори нахуст саҳми Абубакри Розиро дар инкишофи илмҳои табииётшиносӣ ва риёзӣ дар як

системаи муайян бо назардошти раддабандии донишҳои замонааш ба риштаи таҳлил кашида, мавқеи ӯро дар ташаккул ва инкишофи донишҳои риёзиву табииётшиносӣ нишон додааст.

Дар автореферат муаллиф муносибати илмиро ба мавзуъ риоя намудааст ва забони илмии кори ӯ дақиқ ва фаҳмо мебошад.

Бо назардошти аҳамияти мавзуъ, сатҳи баланди таҳқиқот, навоварӣ ва асоснокии натиҷаҳо, метавон хулоса кард, ки автореферат ва диссертатсияи Махсумзода Нигина Давлат дар мавзуи «Саҳми Абубакри Розӣ дар инкишофи илмҳои табииётшиносӣ ва риёзӣ» ба талабот ва меъёрҳои мукаррарнамудаи «Низомнома дар бораи тартиби додани унвони илмӣ» - и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.7. – Таърихи илм (таърих) мебошад.

Сардори Раёсати илм ва инноватсияи Донишгоҳи
(Славянии) Россия ва Тоҷикистон, н.и.т., дотсент Ғаффоров Б.В.

Суроға: 734000, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, М. Турсунзода, 30,
Донишгоҳи (Славянии)
Россия ва Тоҷикистон.
Тел: (+992) 37 221-35-50;
Факс. +(992) 37 221-35-50;
p.rektora@mail.ru; www.rtsu.tj

«Имзои н.и.т. Ғаффоров Б.В.-ро
тасдиқ мекунам»
Сардори Раёсати кадрҳои МБТО
“Донишгоҳи (Славянии)
Россия ва Тоҷикистон” Исмоилова М.Н.